**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза «Нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар нақди адабии солҳои 70- 90-и садаи бист, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза **«Нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар нақди адабии солҳои 70- 90-и садаи бист** ба тадқиқи яке аз равандҳои муҳими инкишофи нақди адабиёти тоҷик дар солҳои 70-90-и садаи бист бахшида шудааст.

Муҳаққиқ мавзӯъро ба се боб ва фаслҳо тақсим намуда, ин масъалаҳоро пай дар пай тадқиқ намудааст. Муҳаққиқ масъалаҳои назариявӣ ва амалии нақди адабии тоҷикро дар мисоли маводи маҷаллаи «Садои Шарқ» дар солҳои 70- 90-и асри гузашта ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба андешаи муҳаққиқ маҷаллаи «Садои Шарқ» на фақат воқеияти ҳаёти иадабиро инъикос кардааст, балки бо нашри маводи танқидӣ ба ҷараёни инкишофи адабиёт аз ҷумла, рушди нақди адабӣ низ таъсири амиқ гузоштааст.

Қодирова Дилноза., зимни тадқиқи мавзӯъ мақолаву тақризу гузоришҳои танқидии донишмандон Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шукуров, Х. Шарифов, А. Сатторов, А. Сайфуллоев, Р. Ҳодизода, Х. Отахонова, Ю. Акбаров, А. Набиев, А. Ҳакимов ва дигаронро мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дода, арзиши ҳар яке аз онҳоро вобаста ба мӯҳтавояшон муайян ва баҳогузорӣ намуда аст.

Қодирова Дилноза., ҳамаи ҳадафу мақсадҳои барои тадқиқи мавзӯъ дар назди худ гузоштаро ҳал намуда, хулосаҳои ҷолиб низ баён доштааст. Хулосаи таҳқикро унвонҷӯ дар бандҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки вобаста ба бобу фаслҳои дахлдори рисола нуҳ бандро фаро гирифтааст .

Автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза бо забони равони илмӣ нигошта шуда, андешаронӣ, сабки нигориш, таҳлилҳо ва

натиҷагириҳояш аз таҳқиқи мавзӯъ назаррасанд. Мақолаҳои чопнамудааш муҳтавои диссертатсияро бозгӯӣ мекунанд. Аз баррасии автореферат ба назар мерасад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, бартариҳои зиёд дорад ва қадами ҷиддӣ дар нишон додани ҷойгоҳи маҷаллаи «Садои Шарқ» дар рушду ташакули нақди адабии тоҷики солҳои 70- 90 арзёбӣ мегардад. Сохтор ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, автореферат мундариҷаи тадқиқоти илмиро бозгӯӣ мекунад.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза «Нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар нақди адабии солҳои 70- 90-и садаи бист, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмӣ дорад. Новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар матни фишурда, дар ду шакл овардани асомии муаллифони мақолаҳои танқидӣ: М. Шукуров (саҳ. 4), (саҳ.9), (саҳ.10), (саҳ.11), (саҳ.12), А. Набиев (саҳ.4,), А. Набавӣ (саҳ. 11, 12), А. Ҳакимов (саҳ.4, 23), Аскар Ҳакимов (саҳ. 11), А. Ҳаким (саҳ.16) дида мешавад.

2.Дар муқаддима объект ва предмети таҳқиқ мушаххас нашудааст.

3.Ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ дар баъзе саҳифаҳои фишурда ба назар расид, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Он ноқисиҳое, ки ин ҷо иброз шуд ба муҳтавои умумии диссертатсия халал ворид намекунад ва маҷмӯан ислоҳпазиранд. Автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза«Нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар нақди адабии солҳои 70- 90-и садаи бист, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик аз рӯи моҳияти мавзӯи тадқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни тадқиқот, дастрасӣ ба маводи тадқиқшаванда, шеваи тадқиқ, аҳамияти назариву амалӣ ва масъалаҳои

ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо навгониҳо ва натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик комилан мувофиқ аст ва муаллиф сазовори унвони илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, ходими
пешбари илмии шуъбаи таърихи
адабиёти Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадиев Ш.М.

Суроғаи электронӣ:
_Shamsiddin-2010@mail.ru
Tel.: (+992) 93 511 23 87

Имзои Ш.М. Муҳаммадиевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадри Институти забон ва
адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ
Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимова З.
[redacted]